ф «Тасдиқ мекунам»
ректори МДТ "Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав", профессор
____________ Қурбонзода М.Р.
«__30__»____01____2024

# ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» №6, аз 23.01.2024

ба кори диссертатсионии Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи «Нақши ВАО дар равандҳои иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ.

Ятимов Собирҷон Рустамович, соли таваллудаш 16.07.1988, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2011 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷураев ҳозира (Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ»)-ро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намуда, айни замон ба ҳайси директори Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии шаҳри Бохтар" фаъолият намуда истодааст.

Ятимов Собирҷон Рустамович аз соли 2018 инҷониб унвонҷӯи кафедраи фалсафаи ДДБ ба номи Носири Хусрав мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ, аз 25.09.2017, суратҷаласаи №2, дар мавзуи «Мақом ва нақши матбуоти даврӣ дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардида, сипас барои мукаммал ва мушаххастар гаштани он тағйироти ҷузъӣ ворид карда, дар таърихи рӯзи 29.11.2022, суратҷаласаи №4 дар мавзуи «Нақши ВАО дар равандҳои иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ», зери роҳбарии

доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Нозим Давлатмурод тасдиқ гардидааст.

***Мубрамии мавзуи таҳқиқот.*** Мубрам будани мавзуъ бо он асоснок мегардад, ки сиёсати давлатӣ, муносибатҳои байналхалқӣ ва дипломатияи муосирро бе фаъолияти воситаҳои иттилоотӣ - таҳлилӣ тасаввур намудан имконнопазир аст. Чунки сарвари давлат ва дигар ниҳодҳои сиёсати дохилӣ ва берунӣ натанҳо ба иттилоот дар бораи раванду ҳодисаҳо, балки ба иттилооти илман асоснокгардида, ҳамаҷониба таҳлилшуда ва бо пешгӯиҳо мукаммалгардида зарурат доранд. Аз ин рӯ, зарурати ҷиддии тайёр намудани коршиносони сиёсӣ, дипломатҳо, мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ ба миён омадааст, ки тавонанд манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳимоя намоянд.

Бо мақсади таҳия ва татбиқи сиёсати иттилоотӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди чунин навъи фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси мустаҳками ҳуқуқӣ гузошта шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот» ва ғайра қабул гардидаанд, ки асосҳои меъёрии фаъолияти иттилоотӣ, мақсад, вазифаҳо, усулҳо, субъектҳо ва объектҳои муносибатҳои иттилоотиро ба танзим даровarда, сиёсати давлатии иттилоотиро дар ҷомеа муқаррар менамоянд. Дар илми муосири ҷомеашиносӣ фаъолияти воситаҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ дар байни вазифаҳои сиёсати давлат, ҳамеша чун яке аз муҳимтарин масъала баррасӣ мегардад.

Дар ҳақиқат матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд. Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, дигаргуншавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки

нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаи ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошад.

Таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа метавонанд ба ҳалли мушкилоти мавҷуда фаъолона мусоидат намоянд. Зеро ҷомеа ба ахбор доир ба фаъолияти мақомотӣ давлатӣ ва умуман ҳамаи шохаҳои ҳокимият ниёз доранд, ки ин яке аз аслҳои бунёдии ҷомеаи озоди демократист.

Мубрам будани масъалаи мазкур инчунин бо он муайян мегардад, ки ВАО яке аз воситаҳои муҳимми инъикоскунанда ва таъсиррасонандаи равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеаи муосир ба шумор мераванд. Дигаргуниҳои бунёдии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX ба таври назаррас имкониятҳои дастрасӣ ба иттилоотро васеъ намуда, ВАО ва матбуоти давриро ба манбаи тавонои пешбари ғояҳои давлатдорӣ, гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ, қувват гирифтани муборизаи неруҳои гуногун мубаддал гардониданд. Тағйироти низоми сиёсии Тоҷикистон, ташаккули асосҳои меъёрӣ, дар навбати худ боиси тағйироти фаъолияти ВАО дар равандҳои иҷтимоӣ ва маъракаҳои интихоботӣ гардиданд.

Тадриҷан усулҳо ва шаклҳои инъикос ва таъсирасонии ВАО ба равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ тағйир ёфтанд. Гузариш аз шакли иртиботи якҷониба ва ғайритаблиғотӣ ба шакли иртиботи дуҷониба ва таблиғоти сиёсӣ сурат гирифт. Илова бар ин соҳаи нави илмӣ ва фаъолияти касбӣ – робита бо ҷомеа (паблик релейшнз) ташаккул ёфт.

Мубрам будани омӯзиши ВАО ҳамчун нерӯ ва воситаи пешбарандаи равандҳои иҷтимоии ҷомеа дар шароити тағйирпазирии шева ва усулҳои рӯзноманигорӣ, таҳлили дигаргуниҳои шакл ва усулҳои таҷассуми равандҳои сиёсӣ, муборизаи сиёсӣ ва маъракаҳои интихоботӣ, ошкор намудани хусусиятҳои ВАО муҳиммияти мавзӯи мазкурро муайян намудаанд.

ВАО дар тамоми ҳодисаву равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа иштирок намуда, бевосита манфиатҳои гуногун ва мавқеи нерӯҳои муайянеро таҷассум менамоянд, ба рафтори шаҳрвандон таъсир расонида, шаклҳои иштироки сиёсиро ташаккул медиҳанд. Дар ин самт, масъалаи асосӣ ташаккули афкори сиёсӣ-ҷамъиятии оммаи мардум ба ҳисоб меравад, ки ба мавқеъгирӣ, иштироки фаъол дар равандҳои иҷтимоию сиёсии кишвар, аз он ҷумла дар маъракаҳои интихоботӣ ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити имрӯза аз тариқи баъзе воситаҳои иттилоотӣ, маълумот ва ахбори номатлуб паҳн мешавад, ки боиси ташаккулёбии афкори тундрав ва иртиҷоӣ миёни гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ – сиёсӣ мегардад. Омили мазкур, нақши ВАО ва матбуоти давриро дар ташаккули афкори манфӣ ба маротиб боло мебардорад.

Аз ин рӯ, омӯзиш ва баррасии таъсири ВАО ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, аз он ҷумла афкори ҷамъиятӣ, рафтори шаҳрвандон, иродаи сиёсии онҳо, ҳодисаву падидаҳои гуногун, фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, муҳиммияти баррасии мавзуи мазкурро таъмин менамояд.

Раванду ҳодисаҳои ҷаҳони муосир боисрор тақозо менамоянд, ки таҳқиқотҳо доир ба нақши воситаҳои ахбори омма, воситаҳои иттилооти - таҳлилӣ ҳарчӣ зудтар ва бештар ба нашр расонида шаванд. Зиёда аз ин, аҳаммияти фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ ба ин сабаб тақвият меёбад, ки мувофиқи ақидаҳои ҷойдошта, элитаи сиёсӣ ва идоракунӣ «сатҳи хели пасти» омодагӣ доранд, махсусан дар соҳаи донишҳои иҷтимоӣ - фалсафӣ ва сиёсӣ. Чунки кормандони соҳаи идоракунии давлатӣ, сиёсати дохилӣ, хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ бояд дар бораи равандҳои имрӯзаи ҷаҳонӣ, тамоюлоти онҳо тасаввуроти зарурӣ дошта бошанд. Бе дониши мукаммали иҷтимоӣ – фалсафӣ ва сиёсӣ ва иттилооти зарурӣ сатҳи

рақобатпазирии давлатро дар муносибатҳои мураккаб ва печидаи ҷаҳони муосир таъмин намудан имконнопазир аст.

Таҳқиқотҳо дар мавзӯи мазкур маводи боарзиш буда, дар баъзе мавридҳо, ҳангоми омӯзиши нақши воситаҳои ахбори омма, сарчашмаи нодир мебошанд. Онҳо бо вуҷуди гуногунмаъно ва гуногуншакл буданашон, дар бораи моҳияти воситаҳои ахбори омма тасаввуроти асосӣ дода, имконият медиҳанд, ки аз маҷмӯи далелҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ зарра-зарра маводҳои боарзиш ҷамъоварӣ шаванд ва барои инкишоф ва суботи ҷомеаи тоҷикистонӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши шакл ва усулҳои таҷассуми ҳодисаву падидаҳои раванди сиёсии кишвар дар саҳифаҳои ВАО, нақши ВАО дар раванди маъракаҳои интихоботӣ ва муборизаи сиёсӣ, дар ташаккул ва инкишофи афкори ҷамъиятӣ - сиёсии оммаи мардум аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта, мубрамияти мавзуи мазкурро муайян менамоянд.

**Мақсади таҳқиқот** таҳлили шакл ва усулҳои таҷассуми раванди сиёсӣ дар ВАО ба шумор меравад.

Барои амалӣ намудани мақсади мазкур иҷрои **вазифаҳои зерин** пешбинӣ гардидаанд:

- омӯзиш ва таҳлили асосҳои илмӣ - назариявии вазъияти ВАО ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва муайян намудани нақш ва мақоми он дар низоми сиёсии ҷомеа;
- тасниф ва муайян намудани ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ – сиёсӣ, моҳият ва хусусиятҳои мафҳуми «маркетинг» дар асоси донишҳои назариявӣ ва баррасии ВАО ҳамчун воситаи асосии маркетинги сиёсӣ;
- омӯзиш ва баррасии хусусият ва шаклҳои таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири сиёсӣ, нақши ВАО дар раванди истифодаи онҳо;
- таҳлил ва таҳқиқи нақши ВАО дар таҷассуми равандҳои сиёсӣ

дар матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи муборизаи сиёсӣ;

- мавриди омӯзиш қарор додани нақши ВАО ҳамчун воситаи муборизаи неруҳои гуногуни сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани нақши ВАО дар таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пешниҳод намудани хулоса ва тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти ВАО дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот,*** ба ғайр аз интихоби мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқот, ки қаблан дар доираи рисолаи номзадӣ ба таври системавӣ баррасӣ нагардидаанд, ба ақидаи муаллиф дар ҳолатҳои зерин зоҳир мегардад:

- ба таври маҷмуавӣ ҷанбаҳои илмӣ - назариявии ВАО ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ-сиёсӣ таҳлил гардида, нақш ва мақоми он дар ҷомеа муайян карда шудааст;
- ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ – сиёсӣ, моҳият ва хусусиятҳои мафҳуми он дар асоси донишҳои назариявӣ ва баррасии ВАО ҳамчун воситаи асосии иникоси масъалаҳои иҷтимоии ҷомеаи имрӯза тасниф ва муайян карда шуд;
- хусусият ва шаклҳои таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири иҷтимоию иттилоотӣ, нақши ВАО дар раванди истифодаи онҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуд;
- Таҷассуми душвориҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ, фарҳангӣ дар ВАО - и Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва таҳқиқ гардид;
- нақши ВАО ҳамчун воситаи ҳамгироии иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуд;
- нақши ВАО дар таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд;

- хулоса ва тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти ВАО дар шароити инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

***Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:*** натиҷаи таҳқиқоти зерин аз он иборат аст, ки:

Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо имконияти истифода намудани натиҷаҳои назариявӣ ва методологии ба даст овардашуда барои таҳқиқи фаъолияти матуоти даврӣ ва таъсири сиёсии он дар давраи гузариш муайян карда мешавад. Хулосаҳои муаллиф метавонанд ба омӯзиши дақиқи назариявии равандҳои сиёсӣ, нақш ва мақоми ВАО дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ муосидат намоянд. Илова бар ин, аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар ошкор намудан ва илман асоснок намудани таъсири ВАО ба равандҳои сиёсӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқотро ҳангоми омӯзиши минбаъдаи масъалаи таъсири ВАО дар раванди таълими фанҳои алоҳидаи ихтисосҳои сиёсатшиносӣ ва курсҳои махсуси бахши муносибатҳои байналхалқи метавон истифода намуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар мукаммал гардонидани фаъолияти ВАО ва таъсири он ба равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ истифода карда шаванд.

***Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.*** Натиҷаи таҳқиқот дар 5 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақолаи боқимонда дар дигар нашрияҳо ба чоп расида, онҳоро маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, амалӣ ва байналмилалӣ ташкил додаанд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии**

**аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М]** Ятимов С Р. Матбуоти даврӣ ҳамчун институти ҷамъиятию сиёсӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2018. -№7. -С.301-305. ISSN 2413-5151.

**[2-М]** Ятимов С.Р. Матбуоти даврӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоии-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2018. -№8. -С .277-280. ISSN 2413-5151.

**[3-М]** Ятимов С.Р. Таъсири матбуоти даврӣ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. -№1. - С .317-321. ISSN 2413-5151.

**б). Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

**[4-М]** Ятимов С.Р. Нақш ва мақоми матбуоти даврӣ дар ташаккули плюрализми сиёсӣ // Маводи конференсияи илмӣ - назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба ҷамъбасти корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ (ш. Кӯлоб, 26 —27 апрели соли 2019). - Душанбе, 2018. - С .218-220.

**[5-М]** Ятимов С.Р. Пешвои миллат ва рушди илму маориф // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 28-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ, 25 солагии Конститутсияи ҶТ ва 22 солагии Вахдати миллӣ дар мавзӯи «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугуй тамаддунҳо дар замони муосир» (ш.Бохтар, 17-18 майи соли 2019). - Бохтар, 2019. - С. 108-110.

Ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи фалсафа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида

**қарор кард:**

1. Диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи «Нақши ВАО дар равандҳои иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ», аз рӯи ихтисоси 09.00.11. – фалсафаи иҷтимоӣ

таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба тамоми талабот ва меъёрҳои «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати ҶТ, №295, аз 26.06.2023) ҷавобгӯ мебошад ва ба пуррагӣ аз рӯи талаботи бандҳои шиносномаи ихтисоси 09.00.11. – фалсафаи иҷтимоӣ омода гардидааст.

2. Диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи «Нақши ВАО дар равандҳои иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 пешниҳод карда шавад. Муаллифи диссертатсия сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

3. Назорати қарори мазкур ба зиммаи мудири кафедраи фалсафа, номзади илмҳои таърих Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич вогузор карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии кафедраи фалсафа аз 23.01.2024, №6 қабул гардидааст. Дар ҷаласа ҳамагӣ 14 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 14 нафар; муқобил нест; бетараф нест.

Раиси ҷаласа Қурбонов М. М.

Котиби ҷаласа Абдуллоева М. У.

*Имзоҳои* Қурбонов М. М. ва Абдуллоева М. У. - ро *тасдиқ менамоям.*
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
«30» 01 соли 2024 Шукурзод Ҷ. А.